Impact Factor: 9.2 ISSN-L: 2544-980X

# САМАРАНОКИ ВА ОҚИЛОНА ИСТИФОДАИ ЗАМИН ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН.

*ДИС ДДТТ,номзади илмҳои иқтисоди, дотсент*
**Буходиров Ҳ.И.**

**Аннотатсия**:Дар мақолаи илмии мазкур моҳияти самаранокии истифодабарии замин дар истеҳсоли маҳсулотҳои аграрӣ ва ҷойгирнамоии бар минтақаҳои иқтисодӣ оварда шуда, аз нигоҳи нав назарсанҷи намудани самарнокӣ ва ҳосилнокии маҳсулотҳои аграрӣ дар минтақаҳои алоҳидаи вилояти Суғд кушода дода шудааст.

**Аннотация:** В данной научной статье представлена сущность эффективности использования земель при производстве аграрной продукции и размещения экономических зон. С новой точки зрения раскрыта эффективность и продуктивность сельскохозяйственных культур в отдельных районах Согдийской области.

**Annotation:** This scientific article presents the essence of the efficiency of land use in the production of agricultural products and the location of economic zones. From a new point of view, the efficiency and productivity of agricultural crops in certain areas of the Sughd region is revealed.

**Калимаҳои калидӣ:** истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, самаранокии истифодабарии замин,самарнокии иқтисодӣ, шароити иқлими-табии.

**Ключевые слова:** производство сельскохозяйственной продукции, эффективность использования земли, экономическая эффективность, климато-природные условия.

**Keywords**: agricultural production, land use efficiency, economic efficiency, climate and natural conditions.

Дар солҳои охир сохтори иқтисодӣ тамоми ҷаҳон аз сиёсати давлатҳои абалқудрат вобастагии калонро пайдо кард. Маълум аст,ки ин навигари набуда ба 10-солаи пешин ба ҳар ҳол барои давлатҳои ру ба инкишофёта истода инконияти мустақилона рушд ёфтан вуҷуд дошт.Ба қавле марҳилаи мутобиқшави бо нишондоди имтиёзҳои гуногун гумруки, андозӣ ва ғайра мавҷуд буд.

Дар шароити имрӯза ҳар ҷанд ин имтиёзҳо бошад ҳам аммо рушди иқтисодиёт ба таври назаррас коҳиш ёфта истодааст.

Аз як тараф оқибатҳои бемории Covd-19 , мунокишаи Федератсия Руссия бо Ҷумҳурии Украина, аз тарафи дигар санксияҳои ИМА ва давлатҳои созмони аврупо ба Федератсия Руссия, ки таъсири назаррас ба иқтисодиёти давлатҳои муштаракул манофеъ аз он ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта истодааст. Аз ин рӯ барои пешгири аз бухрони иқтисоди бояд малакатҳои рӯ ба тараққӣ ҷораҳои махсусро андешанд ва стратегия ё ин ки моделҳои тараққиёти иқтисодии худро аз нав назарсанҷи намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ яке аз зинаҳои калидии иқтисодиёти миллиро ташкил менамояд.

Ба мо маълум аст,ки аз тарафи ҳукумати Ҷумҳури барномаҳои тараққиёти соҳаи асоси ба монанди "Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020», ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ гардидааст", "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 " ва дигар санатҳо қабул гаштааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми соли 2018 алакай оиди оқилона истифодабарии замин ва барои аз буҳронҳои пешомадаистода ва таъмини некӯаҳолии мардум пешниҳод карда буданд. "Мо бояд барои беҳтар намудани некӯаҳволии мардум обу заминро самаранок истифода бурда, истеҳсоли маводи ғизоиро зиёд намоем."[1]

Барои ҳалли муаммо аз тарафи мо як модели истифоади оқилонаи захираҳои меҳнати ва замин ҳануз соли 2002 пешниҳод гардида буд. Ва ин пешниҳод имруз ҳам муҳимияти худро гум накардааст.

Муаммоҳои истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва истифодаи оқилонаи захираҳои замин хусусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки 93% кухсор ташкил медиҳад дар соҳаи мазкур мавқеъи муҳимеро мебозад. Пеш аз ҳама дар шароити тағирёби иқлим, гармшави глобалӣ, бархурдҳои давлатҳои аблқудрад тақозо менамояд,ки рафтори нисбат ба принсипҳои ҷойгирнамои ва махсусгардони истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷаги қишлоқ куллан тағир дода шавад, ки мазмун ва муҳимияти принсипҳои ҷойгирнамои ва махсусгардонии истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷаги қишлокро таъғир медиҳад.

Аз дурсту оқилона истифодабарии замин ва захираҳои меҳнати самаранокии иқтисодӣ пайдо гардида, ҳалли муаммоҳои истифодабарии захираҳои заминҳои хоҷаги қишлоқ ва ояндаи иқтисодиёти кишвар муайян мегардад. Аз рӯи таҳлилу пешакиҳо СММ то соли 2025 таҳтиди қашоқии баъзе малакатҳоро фарогир мебошад. Ин аз руи таҳлили дар мақолаи аз ҳама "Кишварҳои қашоқтарин дар ҷаҳон дар солҳои 2021-2022" муаллиф рузонманигор Анастасия Калинина ки дар сомонаи https://visasam.ru[2] мақола чоп намудаст, дар соли 2021-22 даҳгонаи давлтҳои қашоқтарин маълумот дода шудааст, ва таъкид менамояд,ки "Гаити кишварест, ки аз рӯи ҳама чораҳо ба категорияи камбизоатон тааллуқ дорад. Бо зиёда аз 10 миллион нафар аҳолӣ, беш аз 75% дар зери хатти фақири қарор доранд. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 800 доллар боло намебарад. Тибқи таҳқиқоте, ки Бонки Ҷаҳонӣ анҷом додааст, аксарияти кишварҳо дар як рӯз 1 доллар ё камтар аз он зиндагӣ мекунанд."

Бинобар ин чи тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама баромадҳо дар вақти сафарҳои кори дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳури ва Паёми худ ба Маҷлиси Олии аз 21.01.2021 қайд менамоянд "...Вобаста ба ин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳар як кишоварз ва ҳар як оиларо зарур аст, ки истифодаи самараноки замин, пеш аз ҳама, заминҳои наздиҳавлигиву президентӣ, захира кардану истифодаи тухмиҳои аълосифат ва бо ҳамин роҳ гирифтани то се ҳосилро, махсусан, дар соли 2021 таъмин намоянд"[3] . Аз ин рӯ барои тадбиқи сиёсати аграри мамлакат барои некуаҳолии халқ чи аз тарафи Ҳукмати Ҷумҳурӣ ва Ҳукматҳои маҳаллӣ чораҳо андешида шаванд ҳам бояд заминҳоро оқилона истифода бурд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳифаи 5,Душанбе 26.12.2018,КВД КТН "Шарқи Озод"-и дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[2] https://visasam.ru/emigration/vybor/samye-bednye-strany-mira.html

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 21.01.2021,КВД КТН "Шарқи Озод"-и дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз ин рӯй  ба фикри мо дар шароити имруза баъзе  аз принсипҳо идоракуни иқтисодиро бояд аз  нигоҳи нав дида шавад, то ки аз ин бухрони пайдогардида бе осеб баромад ва як қадар пештар аз бухрони озуқаворӣ низ бароем.  Вақти он расидааст,ки минтақаҳои вилоятро аз рӯи ҳосилнокии маҳсулотҳои махсус муайян намуда самаранокии иқтисодиро фароҳам орем.

Дар таҳқиқоти мо пеш аз ҳама хусусиятҳои иқлими  шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз нуқтаю назари самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ ба назар гирифта шуда вилоятро ихтиёран ба 3 минтақаҳои иқтисодӣ  тақсим карда мешавад:

I. Минтақаҳои иқтисодии ноҳияҳои  куҳи *;*

II. *Минтакаҳои иктисодии ноҳияҳои назди кӯҳӣ  ;.*

III. *Минтақаи ноҳияҳои иқтисодии водӣ(ҳамвор)*

*Ҷадвали 1.Истеҳсоли маҳсулот хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои вилояти Суғд аз рӯи ноҳияҳо  дар  соли 2021   (ба ҳисоби тонна)*

| *Шаҳру ноҳияҳо* | *Ғаладонагиҳо* | *Картошка* | *Сабзавот* | *Мева* | *Аз он ҷумла ангур* | *Пахта* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| *Дар вилоят* | 328664,6 | 530000 | 572841,8 | 93340,9 | 54734,4 | 112607,6 |
| *Минтақами-I* | 24882,6 | 159370,2 | 15430,1 | 7720,2 | 22,5 | |
| *Кӯҳистони Мастчоҳ* | 1212,9 | 95112,9 | 1262,4 | 4304,5 | - | |
| *Айнӣ* | **3410,3** | **20136,6** | **5420,8** | **1403,7** | **22,5** | |
| *Шахристон* | 20259,4 | 44120,7 | 8746,9 | 2012 | - | |
| *Минтақи-I1* | 153108,9 | 333933,8 | 310236 | 47035,6 | 36308,5 | 19272 |
| Истаравшан | **53599,2** | **51302** | **116774,6** | **10152,3** | **29771,5** | **32,6** |
| Панҷакент | **40668,9** | **83437,1** | **90291,5** | **4956,6** | **4229,4** | |
| Ашт | 12018,9 | 4170,8 | 11227,3 | 7491,9 | 1499,6 | 19239,4 |
| Деваштич | **33131,6** | **167221,1** | **45005,5** | **10886,9** | **470** | |
| Исфара | 13690,3 | 27802,8 | 46937,1 | 13547,9 | 338 | |
| *Минтақи-3* | 150668,7 | 36644,3 | 246968 | 38560,2 | 18281,5 | 93335,6 |
| *Б.Ғафуров* | 46822,9 | 12983,5 | 129943,1 | 15263,8 | 15005 | 19312,8 |
| *Зафаробод* | **15081,4** | **3528,7** | **7014,7** | **678,1** | **203,4** | **24688,8** |
| *Конибодом* | 16125,1 | 3250,4 | 18957,4 | 17734,4 | 1014,7 | 9525,5 |
| *Ҷ.Расулов* | 30975,1 | 7667,3 | 49391,1 | 3708,3 | 809,2 | 10555,3 |
| *Спитаман* | 26998,7 | 5225,8 | 19968,5 | 493,1 | 660,2 | 13464,6 |
| *Масчоҳ* | **14665,5** | **3988,6** | **21693,2** | **682,5** | **589** | **15788,6** |

*Ҷадвали  1 аз руи додашудаҳои оморои*  «Дар бораи вазъи иљтимоию иќтисодии вилояти Суѓд»дар соли 2022 омода шудааст.[4]

*Ҷадвали  2   Истеҳсоли маҳсулот хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои вилояти Суғд дар  соли*

[4] **Вазъи иљтимоию иќтисодии вилояти Суѓд январ-декабр, *Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Љумњурии Тољикистон дар вилояти Суѓд,  Хуҷанд-2022* ,**саҳифаҳои 25-31

*2021 (ба ҳисоби тонна)*

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Ғаладонагиҳо* | *Картошка* | *Сабзавот* | *Мева* | *Аз он ҷумла ангур* | *Пахта* |
| *Дар вилоят* | 328664,6 | 530000 | 572841,8 | 93340,9 | 54734,4 | 112607,6 |
| *Минтақами-I* | *Ғаладонагиҳо* | *Картошка* | *Сабзавот* | *Мева* | *Аз он ҷумла ангур* | *Пахта* |
| *Тонна* | 24882,6 | 159370,2 | 15430,1 | 7720,2 | 22,5 | |
| *Минтақами -I1* | *Ғаладонагиҳо* | *Картошка* | *Сабзавот* | *Мева* | *Аз он ҷумла ангур* | *Пахта* |
| *Тонна* | 153108,9 | 333933,8 | 310236 | 47035,6 | 36308,5 | 19272 |
| *Минтақами -3* | *Ғаладонагиҳо* | *Картошка* | *Сабзавот* | *Мева* | *Аз он ҷумла ангур* | *Пахта* |
| *Тонна* | 150668,7 | 36644,3 | 246968 | 38560,2 | 18281,5 | 93335,6 |

*Минтақаҳои иқтисодии вилояти Суғд аз руи истеҳсоли маҳсулот хоҷагии қишлоқ барои соли 2021.*

*Дар ҷадвали 1 тақсимоти вилояти Суғд ба минтақаҳои иқтисодӣ аз рӯи истҳсолӣ маҳсулот агрgalарӣ дар соли 2021 оварда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад,ки дар минтақаи якум аз рӯи шароити иқлими-табиӣ аз фоизи умумии истеҳсоли маҳсулотҳои аграрӣ истеҳсоли намудҳои зироатии картошка ва ғаладонагиҳо бисёртар мувофиқ мебошад. Истеҳсоли картошка ва ғаладонагиҳо ба иқтисодиёти минтақаи якум самарнокии иқтисоди медиҳад,дар диограммаи -1 онро дидан мумкин.*




Дар минақаи дуюми иқтисоди *шароити иқлими-табиӣ барои истеҳсоли маҳсулотҳои аграрии сабзавот, картошка ва ғаладонагиҳо мусоид буда самарнокии истифодабари замин*

*барои истеҳсоли ин намауди маҳсулотҳо мусод мебошад,ки дар диограммаи дуюм оварда шудааст.*




Самаранокии истфодаи замин аз рӯи шароити иқлими-табии аз рӯи таҳлиҳо нишон медиҳад,ки парвариш ва истеҳсоли маҳсулотҳои аграрӣ: сабзавод, ғаладонагиҳо ва пахта дар минтақаи сеюми иқтисоди мувофиқат менамояд, ки диограммаи сеюм гувоҳи он мебошад.




Аз рӯи таҳлилҳо бар меояд,ки дар ҳар се минтақа қиёсан ба шаҳру ноҳияҳо нигоҳ карда таносуби фарққунанда дорад, аммо истеҳсоли маҳсулотҳои аграрӣ мувофиқ карда шудааст .

Ҳамин тавр аз таҳлилҳо маълум мегардад, ҳар як минтақа аз рӯи шароити иқлими табии барои истеҳсоли махсулотҳои кишоварзи мутобиқ карда шудааст.

Дар минтақаи якум аз сабаби баланд будани ҳосилнокии истеҳсоли картошка - 77

фоиз,истеҳсоли ғаладонагиҳо - 12 фоизро ташкил мекунад, бинобар ин ба ин минтақа дар оянда зиёт намудани истеҳсоли ин намуди маҳсулотҳо аз ҷиҳати самарнокии иқтисоди қулай мебошад.

Дар минтақаи дуюм барои истеҳсоли картошка 37% , сабзавот 35% бинобар ин зиед кардани истеҳсоли ин маҳсулотҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мебошад.

Дар минтақаи сеюм бошад истеҳсол ва парвариши сабзавот, ғаладонагиҳо ва пахта барои иқтисодиёти мамлакат самранокии баланд медиҳад.

Бинобар ин дар оянда ба хоҷагиҳое, ки мувофиқи модели пешниҳод гардидаи истеҳсоли маҳсулотҳои аграриро бароҳ монанд самаранокии истифодаи замин дастрас шуда, истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ барои онҳо фоиданок мегардад.

Дар мавриди дар минтақаи Суғд ташкил додани марказҳои ягонаи логистики инконияти ба роҳ мондани технологияи ягонаи харид, нигоҳдорӣ,коркард ва боркашониро амали гардонд ва интиқоли маҳсулотро берун аз Ҷумҳурӣ ва минтақаҳои дигари кишвар пайдо мегардад:

- дар самти рушди соҳа ва таъсиси ҷойҳои корӣ ба масъалаи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пайдо мегардад;
- хоҷагиҳо ва корхонаҳои коркарди маҳсулоти аграрӣ ба самаранокии иқтисоди ноил мегарданд;
- барои беҳдошти ва некуаҳолии мардум равона мегардад;
- марказҳои логистикӣ дар соҳаи аграри инконияти таҷдиди шабакаи долонҳои нақлиётӣ ва тақвияти инфрасохтори нақлиётӣ, баромадан ба бандарҳои баҳрӣ, бунёди терминалҳои наздисарҳади ро муҳаё сохта афзоиши ҳамлу нақли молу маҳсулотҳои аграриро пайдо менамояд.

- ба ҳадафи чоруми малакат саноатикунонии босурат ноил мегардем.

Адабиётҳо

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 26.12.2018,КВД КТН “Шарқи Озод”-и дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Паёми Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 21.01.2021,КВД КТН “Шарқи Озод”-и дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
3. Буходиров Ҳ.И. Проблемы развития сельскохозяйственного производства в условиях переходной экономики. (на примере Согдийской области ) Худжанд,Монография Типография Р. Ҷалил -2003 стр.100
4. Вазъи иљтимоию иќтисодии вилояти Суѓд январ-декабр-2022.
5. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Љумњурии Тољикистон дар вилояти Суѓд, 2022
6. Kulikov I., Minakov I.A Socio-economic Study of the Food Sector: The Supply Side //European Research Studies Journal. Volume XXI, Issue 4, 2018, pp. 175-184.
7. https://visasam.ru/emigration/vybor/samye-bednye-strany-mira.html